# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №__1__

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05.03.2024, №1

Барои сазовор донистани Убайдуллозода Ғолиб Хонҷои, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо).

Диссертатсияи Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон дар мавзӯи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба ҳимоя 19 декабри соли 2023 (протоколи № 7.1) қабул карда шуд. Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44) дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2024, таҳти № 1/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон унвонҷӯи шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон буда, 08-уми майи соли 1970 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, оиладор, соҳиби 5 фарзанд мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон соли 1987-ум ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академики М.С. Осимӣ дохил шуда, соли 1993 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси муҳандис – электрик хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ солҳои 1993-1997 дар Шабакаҳои барқии шаҳри Кӯлоб ба ҳайси муҳандиси Хадамоти дифои релегӣ ва автоматика, солҳои 1997-2003 дар Шабакаи барқии шаҳри Кӯлоб ба ҳайси муовини сардори Хадамоти дифои релегӣ ва автоматика, солҳои 2009-2012 дар Маҷмааи давлатии “Қасри миллат”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муовини директор, солҳои 2012-2015 дар Маҷмааи давлатии “Қасри миллат”-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муовини якуми директор, аз солҳои 2015-2021 дар Департаменти “Шабакаҳои интиқоли барқ”-и Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи Тоҷик” ба ҳайси муовини раис-директори иҷроия ва аз соли 2021 то имрӯз ба ҳайси сардори Хадамоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Соли 2016 тибқи фармоиши директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таҳти №13-К/6 ба ҳайси унвонҷӯ қабул шуда, рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳия намудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи омӯзиши равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ** – Одинаев Шоҳин Талбакович н.и.и., дотсент, муовини директори Институти иқтисодиёти кишоварзӣ (ҳоло Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон).

**Муқарризони расмӣ:**

- Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Раҳимов Зафар Сайдалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент, саромӯзгори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби Хоҷаев П.Д., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Хоҷаев Диловар Хайриддинович имзо гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Назарзода Хайрулло Холназар (аз 07 феврали соли 2024, протоколи №7) тасдиқ шудааст.

Дар хулосаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз имзо шудааст, қайд гардидааст, ки кори диссертатсионии Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) мутобиқ ва ҷавобгӯ мебошад. Аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзӯи «Такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи соҳаи гидроэнергетикаи Тоҷикистон, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳамаи ин далелҳо бе ягон шаку шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмие, ки ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, ба нашр расидаанд.

а) **Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.**

[1-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Уровень развития электрификации сельского хозяйства Таджикистана [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. – Душанбе, 2018. - №55. - С. 72-76.

[2-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Ташкили сармоягузорӣ дар энергетика ҳамчун омилӣ афзоиш ва навоварӣ [Матн] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - №4 (265). - С. 113-117.

[3-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Ҳолати рушди гидроэнергетикаи Тоҷикистон ва нақши он дар таъмини амнияти иқтисодӣ [Матн] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - №1(140). - С. 288-294.

[4-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Совершенствование организационного механизма инвестиционной деятельности в гидроэнергетике Таджикистана [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Маҷаллаи «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз»

Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. - №3(79). - С.125-135.

[5-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Арзёбии самаранокии сармоягузорӣ ва мушкилоти асосии идоракунии он дар гидроэнергетика [Матн] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ». Душанбе, 2023. - №3(62). - С. 172-181.

[6-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Механизми идоракунии хавфҳои портфели сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика [Матн] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Маҷаллаи «Иқтисодиёти Тоҷикистон». Душанбе, 2023. - №3. - С. 137-144.

[7-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Методические подходы к анализу и оценке управления инвестиционными проектами в сфере гидроэнергетики [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. - №3(145). - С. 160-165.

**Дар дигар нашрияҳо;**

[8-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Пути обеспечения энергетической независимости Республики Таджикистан [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. – Душанбе, 2016. - №3. -С.15-19.

[9-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Энергетическая безопасность - один из главных факторов производства и функционирования общества [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. - Душанбе, 2016. - №3. - С. 63-65.

[10-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Современное состояние производство электроэнергии в Республике Таджикистан [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. – Душанбе, 2017. - №1. - С. 19-25.

[11-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Привлечения инвестиций в сфере энергетического сектора: Проблемы и риски [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. – Душанбе, 2017. - №1. - С. 41-48.

[12-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Проблемы создание благоприятного инвестиционного климата в энергетике [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // АПК Таджикистана: экономика, организация и управление. – Душанбе, 2017. - №4. - С. 31-39.

[13-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Мустақилияти энерегетикӣ яке аз аз самтҳои бартариятноки стратегияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Маводҳои семинари илмию амалии минтақавии “Арзёбии иқтисодии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2017. - С. 239-245.

[14-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Перспектива применения нетрадиционных источников возобновляемой энергии [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. - Кушониён, 2018. - С. 38-45.

[15-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Энергетический потенсиал Республики Таджикистан и возможности его использования [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. - Кушониён, 2018. - С. 307-315.

[16-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Эффективность электрификации сельского хозяйство [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Материалы международной научного – практической конференции «Развитие гидроэнергетики Таджикистана». Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. - Кушониён, 2018. - С. 20-28.

[17-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Основы инвестиционного процесса в энергетике [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Материалы международной научного – практической конференции «Развитие гидроэнергетики Таджикистана». Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. - Кушониён, 2018. - С. 35-42.

[18-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Роль инвестиции в национальной энергетики [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Семинари илмӣ - амалии минтақавӣ «Роҳҳои ба танзим даровардани нарх дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ». - Душанбе, 2018. - С. 10-15.

[19-М]. Убайдуллозода Ғ.Х. Пути привлечения инностранных инвестиций и формирование инновационной активности энергетических предприятий в Таджикистане [Текст] / Ғ.Х. Убайдуллозода // Конфренсияи илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ" Саноатикунонии босуръати кишвар". - Душанбе, 2019. - С. 356-365.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд:**

**Тағоев Ҷ.Ҳ.** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи ДМТ бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

-диссертант барои омӯхтани асосҳои илмию назариявии такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон бояд бештар ба ақидаҳои олимони ватанӣ такя мекард, зеро дар кори мазкур ақидаҳои олимони ватанӣ кам мушоҳида мегарданд.

**Набиев Т.Т.-** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод гардидааст.

Дар автореферат механизми такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетика ба таври муккамал инъикос нагардидааст.

**Силаева Л.П.** - д.и.и., ходими калони илмии Институти тадкикоти илмии хочагии кишлоки Федератсияи Россия бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

- дар баробари ин, сарфи назар аз асоснокии кофии таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомадаро метавон қайд кард, ки дар автореферат ҷадвали 7 таснифоти хавфҳо оварда шудааст. Муаллиф онҳоро оддӣ меномад, гарчанде аз ҷиҳати иқтисодӣ дар адабиёт мафҳуми иқтисодӣ, технологи, сиёсӣ ва ғайра мавҷуд аст. Хавфҳо ҳастанд, аммо хатарҳои оддӣ нестанд

**Қудратзода Р.Р.** – д.и.и., профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо чунин эродҳо пешниҳод гардидааст:

-дар автореферат идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ба низоми гидроэнергетика ҳамчун самти афзалиятнок пешниҳод карда шудааст. Хубу бехтар мешуд, агар як алгоритми муайяни рушди гидроэнергетикаро ба таври мукаммал бо нишон додани ҷузъиётҳои ташаккули он (дар шакли нақша) пешниҳод менамуд, то ин ки сохторҳои марбута дар сатҳи маҳал ва давлат аз он истифода мебурданд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ бо дарназардошти мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи такмили ҷанбаҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти инвеститсионӣ дар низоми гидроэнергетикаи Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсии онҳо барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор ҳамчун муассисаи шинохташуда ба ҳисоб рафта, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**Ҷанбаҳои назариявӣ** – асарҳои олимон-иқтисодшиносон, ки ба масъалаҳои омӯзиши идоракунии соҳаҳои гидроэнергетика ва таҳлилии сармоягузориҳо бахшида шудаанд, ҳисоботи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ШСХК «Барқи Тоҷик», ташкилотҳои энергетикӣ ва муассисаҳои ҷумҳурӣ, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот;

**Методҳои гуногуни** – методҳои умумиилмӣ, ба монанди усули диалектика, абстраксияи илмӣ, оморӣ-риёзӣ, индуксия, дедуксия ва ғ. асос ёфтааст. Ҳамзамон, дар кори мазкур методҳои таҳлили системавӣ, назарияи идоракунии оптималӣ, коркард ва такмили инструментҳои иттилоотӣ таҳлили сохторӣ ва ғ. истифода шудааст.

- Натиҷаҳои асосии илмие, ки аз ҷониби муаллиф ба даст омада, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:

- **муқаррароти муаллифӣ** доир ба мафҳуми "раванди сармоягузорӣ" ҳамчун объекти идоракунии равандӣ ироа шудааст, ки зинаҳои гуногуни амалисозии фаъолияти сармоягузориро дарбар мегирад: ҷустуҷӯи захираҳои сармоягузорӣ (ҳам худӣ, ҷалбшуда ва қарзӣ); табдил додани захираҳо ба сармоягузориҳои асосӣ (хароҷот) ё раванди табдил додани сармоягузорӣ ба объекти мушаххаси фаъолияти сармоягузорӣ (худи сармоягузорӣ); табдил додани захираҳо ба сармоя, ки даромади иловагӣ меорад ва ё раванди мубаддалшавии сармоягузориҳо ба объекти фаъолияти сармоягузорӣ (худи инвеститсияҳо); Натиҷаи ниҳоии сармоягузорӣ - афзоиши арзиши сармояе мебошад, ки онро тавсиф мекунад;

- **асоснок карда шудааст**, ки соҳаҳои гидроэнергетика аслан ба бахши давлатии иқтисодиёт дохил мешаванд ва вобаста бо хусусиятҳои асосии зерин бояд зери танзими фарогири давлатӣ қарор гиранд: а) арзиши баланди сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ, ки маблағи зиёдро талаб мекунаду ҷолибияташ барои сармоягузорони хусусӣ хеле паст мебошад; б) ҳаҷми зиёди корҳо, ки ба муҳлати тӯлонии сохтмони иншоотҳои гидроэнергетикӣ оварда мерасонад, ки бинобар он зарур аст, ки барномаи давлатии дастгирӣ ва кафолати фаъолияти сармоягузорӣ дар он таҳия ва амалӣ карда шавад;

- вазъи сармоягузории сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ **арзёбӣ гардида**, дар бораи имконияту захираҳои эҳтимолии рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилооти нави илмӣ дода шудааст, ки ҳадафнокиву самаранокии саромоягузориро дар сохтмони иншооти бузурги

гидроэнергетикӣ бо иштироки сармоягузорони минтақавӣ аниқ намуда, мавқеи бартариятноки Ҷумҳуриро дар бозори байналмилалӣ (минтақавии) нерӯи барқ фаъол мегардонад;

- **асоснок карда шудааст**, ки асоси идоракунӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар соҳаҳои гидроэнергетика бояд барномаи мукаммали ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ташкил диҳад, ки ҳамчун ҳуҷҷати асосии барномавӣ баррасӣ гашта, самтҳои асосии фаъолияти ҳукуматро барои рафъи раванди ноустувории сармоягузорӣ ва эҷоди шароит барои фаъолияти судманди сармоягузорӣ инъикос намояд;

- самтҳои асосии такмили ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии идоракунии сармоягузорӣ ва роҳҳои фаъолсозии он **муайян карда шуданд**, ки барои муайян ва мураттаб сохтани мушкилоти асосӣ ва ҳалли он, ки бо мушкилоти вазъи молиявии соҳаи гидроэнергетикии иқтисодиёт алоқаманд мебошад, мусоидат намояд;

- принсипҳои консептуалии идоракунии раванди ташаккули портфели сармоягузорӣ ва таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун механизми ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва роҳҳои паст намудани хавфи самоягузорӣ **коркард карда шудааст**, ки имкон медиҳад, тавсияҳо оид ба интихоби фаврии инструментҳои идоракунии сармоягузорӣ мувофиқи вазъи бозори сармоягузорӣ ташаккул ёбад.

**Аҳамияти амалии** мавқеъҳои асосии диссертатсия аз асоснок кардани вазифа ва таҳияи стратегияи рушди устувори соҳаҳои гидроэнергетика, кор карда баромадани интихоби самтҳои азнавсохторбандӣ, пасткунии қарзҳои дебиторӣ, мукаммалгардонии сиёсати тарофавӣ ва баландбардории истиқлолияти инвеститсионии ширкатҳои миллии гидроэнергетикӣ, кор карда баромадани тарзҳои баҳодиҳӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатӣ мебошад.

Барои расидан ба ҳадаф унвонҷӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро муносиб мешуморад:

- омӯзиши муносибатҳои назариявӣ доир мазмун ва тавсифи шаклҳои амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ ва муносибатҳои методии таҳлил ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика;

- муайян намудани хусусиятҳои идоракунӣ ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши гидроэнергетика;

- арзёбии вазъи муосири рушди гидроэнергетика ва таҳлили вазъи сармоягузорӣ дар соҳаҳои гидроэнегетикӣ;

- арзёбии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ва мушкилоти асосии идоракунии он дар соҳаи гидроэнергетика;

- асоснок намудани роҳҳои такмили механизмҳои ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ;

- коркарди механизми паст намудани хавф ва равандҳои асосии идоракунии портфели сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика.

Масъалаҳои такмилдиҳии механизми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши энергетикаи мамлакат, инчунин, проблемаҳои рушди соҳа дар корҳои олимони зерини Тоҷикистон дида мешаванд: А.Д. Аҳророва, А.Х. Авезов, Н.Қ. Қаюмов. Х. Ғафуров, С.Р. Расулов, Х. Валаматзода, Ҳ. Р. Исайнов, Ҳ. А. Одинаев, Ш. Т. Одинаев, Р. К. Раҷабов, Р. К. Раҳимов, А. Б. Мирсаидов, Т. Г. Самадов, Ф. Соибов, С. Ҷ. Комилов, Х. У. Умаров, П. Д. Хоҷаев, Д. Хоҷаев, Т. О. Умаров, А. Носиров ва ғайраҳо.

Аммо, дар корҳои олимони ватанӣ мукаммалгардонии методҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика, механизмҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ, таснифи таҳдидҳо, механизми коркарди илман асосноки пешгирӣ ва бартарафсозии онҳо дар сатҳи кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии диссертатсия аз васеъ намудани донишҳои илмӣ дар назарияи идоракунӣ, муайян намудани тамоюли таъминоти сармоя ба соҳа, муайянкунии мушкилиҳо, ки ба инфрасохтори рушди устувор онҳо монеа мешавад, истифода аз усулҳои

таҳлили системавӣ, таҳқиқоти монографӣ, муносибатҳои институтсионаливу эволютсионӣ ва муносибатҳои парадигмавии олимони гуногун дар соҳаи идоракунии соҳаҳои гидроэнергетика ва сармоягузориро дар он ташкил медиҳанд, иборат мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии мавқеъҳои асосии диссертатсия аз **асоснок кардани** вазифа ва таҳияи стратегияи рушди устувори соҳаҳои гидроэнергетика, кор карда баромадани интихоби самтҳои азнавсохторбандӣ, пасткунии қарзҳои дебиторӣ, мукаммалгардонии сиёсати тарофавӣ ва баландбардории истиқлолияти инвеститсионии ширкатҳои миллии гидроэнергетикӣ, кор карда баромадани тарзҳои баҳодиҳӣ ва мукаммалгардонии механизми танзими давлатӣ мебошад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ.** Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи **назария ва амалияи** идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои он истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ **усулҳои иқтисодии таҳлил** васеъ истифода шудаанд ва хулосаҳову пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳо ва технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидаанд. **Натиҷаҳои таҳқиқот** интишорот ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, аз ҷумла: таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф тавсияҳои методиро доир ба такмили механизми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳои гидроэнергетикӣ, механизмҳои ташкилии идоракунии портфел, инчунин, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва механизмҳои ташкилию иқтисодии

татбиқи стратегияи рушди сармоягузории соҳаи гидроэнергетика кор карда баромада шудааст ва дар асоси он хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

Натиҷаҳои таққиқотҳои рисолаи илмӣ дар асоси далелҳои мавқеъҳои консептуалӣ ва Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 истифода бурда шудаанд.

- натиҷаҳои назариявӣ-методологие, ки дар диссертатсия ҷой доранд, аз тарафи муаллиф ба шакли маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардидаанд.

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 017 аз 05 марти соли 2024 қарори сазовор донистани Убайдуллозода Ғолиб Хонҷон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла, 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ҷонмамадов Ш.Б.

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О.

«05.03.2024»